# ДАРХОСТИ ИЗҲОРОТИ ҲАВАСМАНДӢ

Мамлакат: **Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Номи лоиҳа: “**Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон** ”
Рақами лоиҳа: **P177779**
Рақами Грант. **D 9780-Tj**
Агентии иҷроия: **Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВН ҶТ)**

Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд (АБР)-и Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ барои мусоидат дар маблағгузории лоиҳаи «Баланд бардоштани омодагӣ ва устуворӣ ба офатҳои табиӣ дар Тоҷикистон» ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Грант ҷудо намуд.

Мақсади ин супориш вокуниш ба эҳтиёҷоти таъхирнопазир тавассути барқарорсозии устувори роҳҳое мебошад, ки дар моҳҳои май-июли соли 2021 аз обхезӣ ва сел зарар дидаанд. Инчунин дар назар аст, ки лоиҳаи пешниҳодшуда кӯшишҳоро барои гузоштани заминаи барномаи дарозмуддати ҲҶТ оид ба таҳкими иқлим ва муқовимат ба офатҳои табиӣ, ки дар доираи лоихаи «Мустаҳкам намудани инфрасохтори муҳим ҷиҳати таъмини устуворӣ зидди хатарҳои табиӣ» (МИМТУХТ) оғоз шудааст, идома хоҳад дод, ва лоиҳа аз эҳтиёҷоти зиёд ба дастгирии минбаъда дар рушди шаҳрсозӣ, мутобиқшавӣ ба тағирёбии иқлим, таҳдиди инфрасохтори муҳим дар кишвар ва таъмини устувории он зидди хатарҳои табиӣ бармеояд.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ВН ҶТ) бо мусоидати Гурӯҳи татбиқи лоиҳа (минбаъд ГТЛ) барои татбиқи Қисмати 1 (Таҳкими иқтидор барои идоракунии хатари офатҳои табиӣ) масъул мебошад. Ҳадафҳои Қисмати 1 Зерккомпоненти 1.1 Барқарорсозии роҳҳое, ки дар натиҷаи обхезӣ дар соли 2021 зарар дидаанд ва Зеркомпонент 1.2. Ҳифз ва таҳкими роҳҳои афзалиятнок ба таъмини устувории инфрасохтори муҳим ба офатҳои табиӣ равона карда мешавад.

ВН, мутахассисро барои кӯмак ба ГТЛ ВН дар татбиқи лоиҳа ҷалб менамояд, аз ҷумла:

1. **Мутахассис оид харид**

Тавассути ҳуҷҷати мазкур ВН ҶТ мутахассиси баландихтисоси дорои таҷрибаро барои иштирок дар озмун даъват менамояд.

## I. Талаботҳои тахассусӣ барои номзад чунинанд:

1. **Мутахассис оид ба харид.**
   - Таҳсилоти олӣ иқтисодӣ, муҳандисӣ, менеҷмент, идоракунии соҳибкорӣ, ҳуқуқшиносӣ ё фанҳои марбут ба самтҳои хариди лоиҳа;
   - Таҷрибаи на камтар аз 5 (панҷ) сол дар соҳаи харид дар доираи лоиҳаҳое, ки аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ё дигар ташкилотҳои байналмилалии рушд маблағгузорӣ мешаванд;
   - Дониши хуби қонунгузории Ҳукумат, аз ҷумла қонун дар бораи хариди давлатӣ, андозбандӣ ва гумрук, инчунин қонунгузории Бонки Ҷаҳонӣ ва дигар донорҳои байналмилалӣ талаб карда мешавад.;
   - Таҷриба дар расмиёти харид, аз ҷумла расмиёти Бонки Ҷаҳонӣ бо истифода аз системаи STEP ва Стратегияи хариди лоиҳа барои рушд (СХЛР) ё дигар донорҳои байналмилалӣ дар хариди молу корҳо ва интихоби мушовирон;
   - Маҳорати аълои пешгӯии молиявӣ ва харид;
   - Донистани хуби забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (дахонӣ ва хаттӣ), инчунин донистани забони англисӣ афзалият дорад;
   - Дониши хуби забонҳои тоҷикӣ ва русӣ (дахонӣ ва хаттӣ), инчунин донистани забони англисӣ бартарӣ хоҳад дошт;

## II. Номзади ҳавасманд барои иштирок дар озмун бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд.

- Изҳороти шахсӣ ба номи роҳбари ГТЛ;
- Тарҷумаи ҳол (CV) бо тафсилоти таҷриба ва салоҳиятҳои марбут ба вазифа;
- Нусхаи ҳуҷҷатҳои маълумот;
- Нусхаи шиноснома ва РМА);
- Нусхаи дафтарчаи мехнатӣ;
- Номаҳои тавсиявӣ, агар мавҷуд бошад;

**Маълумоти бештар ва супоришҳои техникиро метавонед дар пайванди зерин пайдо кунед:**

1. Мутахассис оид ба харид: https://cloud.mail.ru/public/16FB/XJVsFaxNR

## III. Давомнокии вазифа

Тасмим гирифта шудааст, вазифаҳо то 31 марти соли 2027 идома ёбад.

Мутахассисони ҳавасманд метавонанд маълумоти иловагиро дар суроғаи зерин дар давоми соатҳоикорӣ аз соати 08:00 то 17:00 дастрас кунанд.

## IV. Изҳори ҳавасмандӣ бояд то 25-уми августи соли 2023 ба суроғаи зерин фиристода шаванд.

Муҳтарам Фаррух Неъматзода,
Муовини вазир, Директори ГТЛ
Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон
кӯчаи Айнӣ 14, ошёнаи 3-юм, кабинет 305,
734042, Душанбе, Тоҷикистон
Тел./Факс: +992 37 2222221, 918 61 53 32,
Почтаи электронӣ: preparedproject@yahoo.com